**Тақризи**

муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Забони адабии тоҷикӣ баробари таҳаввулоти иҷтимоӣ пайваста дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ таҷассум намуда, баробари он боз ҳам мукаммалтару фасеҳтар ва ғановатманду ҷаззобтар мегардад, ки чунин вижагиҳои забон ҳамеша таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ афзудааст. Дар баробари ин дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ ва муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ, ки дар забон таъсиру таҷассуми худро меёбанд, бештару беҳтар дар осори адибону суханшиносон ба риштаи тасвир кашида мешавад. Аз ин лиҳоз таҳлилу вижагиҳои забони осори бадеӣ ва эҷодиёти адибони даврони гуногун бо истифода аз усул ва равишҳои илмии муқоисавии таърихӣ ва қиёсиву муқобилавӣ барои мушаххас намудани таҳаввулоти таърихии забон заминаи басо арзишманду нодир ва риштаи муҳими илмӣ дониста мешавад.

Мусаллам аст, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар низоми грамматикии забонҳои гуногун хусусиятҳои хос ва фарқкунанда дошта, яке аз масъалаҳои мураккаби грамматикӣ ва мавзуъҳои баҳсталаб дар забоншиносии муосир боқӣ мемонад. Дар баробари ин нутқи мазмунан нақлшуда сохтори махсуси худро дошта, дар ин раванд мавқеи истифода, тарзи ифода, тағйиротҳои семантикиву услубӣ, ҳудуд ва сохтору вижагиҳои корбурди он аз мавзуъҳои мубрам ва таҳқиқталаб ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи матни асарҳои бадеӣ ва тарҷумаи бевоситаи онҳо дар таҳқиқоти Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳти унвони "Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» як таҳқиқоти айнизамонӣ, арзишмманд ва муҳиму мубрам арзёбӣ мешавад.

Унвонҷӯй дар ин таҳқиқоти худ талош варзидааст, ки доир ба сохтор, маъно, мавқеи истифода, доираи корбурд, хусусиятҳои корбасти нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда ба хулосаи амиқ ва дақиқи илмӣ расида, назари худро доир ба ин масъалаи мубрам ва таҳқиқталаб ба таври истидлолӣ баён намояд.

Зикри ин нукта бамаврид аст, ки нутқи мазмунан нақлшуда ва хусусиятҳои сохторию семантикии он, воситаҳои ифодаи онҳо дар забонҳои гуногун яке аз мавзуъҳои мураккаб буда, дар забонҳои мухталиф роҳу усулҳои махсусро дорад ва маҳз барои ҳамин зарурати таҳқиқотҳои вижаро аз нигоҳи муқоисавӣ ба

миён меоварад ва дар ин замина имкон фароҳам меояд, ки қоидаву қонунҳои грамматикии забонҳои гуногунсохт мушаххас гардида, имконоти ифодаҳои гуногуни ин воҳиди нодири забон метавонад вусъат пайдо намояд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур ба таври нуктасанҷона ва басо асоснок мушаххас шудаанд. Бо назардошти дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мақсади асосии таҳқиқот муаррифӣ мешавад. Барои расидан ба чунин ҳадафи муҳим унвонҷӯй вазифаҳои муҳимро пешбинӣ ва иҷро намудааст, ки муайян кардани сатҳ ё дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлилу таҳқиқ намудани назарияҳои гуногун оид ба ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ, мушаххас намудани хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда ва дар баробари ин баррасӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои фарқкунанда ва умумии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз қабили чунин вазифаҳои илмӣ ба шумор меранд.

Навгонии диссертатсияи мазкур дан он дида мешавад, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асарҳои алоҳидаи бевосита тарҷумашуда бори аввал мавриди таҳқиқоти алоҳидаи лингвистӣ дар шакли як пажуҳиши монографӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин дар таҳқиқоти мазкур барои аввалин бор хусусиятҳои сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян ва таҳқиқ шуда, зимни таҳқиқи масъала дараҷаи тарҷума ва ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс ба таври мушаххас ва асоснок нишон дода шудааст.

Арзиши илмию назариявии тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар оянда барои ҳалли масъалаҳои назариявии забоншиносии типологӣ ва муқоисавӣ, ҳамчунин грамматикаи муқоисавӣ ҳамчун манбаи гарбнарзиш ва муҳим истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон барои таҳқиқотҳои оянда дар доираи таҳқии муқоисавию муқобалавии забонҳои гуногун истифода кард. Аз тарафи дигар дар самти назария ва амалияи тарҷума ва махсусан дар тарҷумаи бадеӣ низ дастовардҳои тадқиқот қобили истифода ва аҳамияти назаррас хоҳад буд. Дар умум натиҷаҳо ҳам дар бахши грамматикаи муқоисавӣ ва ҳам дар назарияи тарҷумаи бадеӣ метавонанд ба сифати сарчашмаи мушаххаси илмӣ мавриди истифода қарор гирад.

Арзиши татбиқӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки хулоса ва маводи он метавонад ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва омӯзиш ва таҳқиқи забоншиносии типологӣ ва муқоисавӣ, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияҳи курсҳои амалии

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва курсҳо ва семинарҳои махсуси самти таҳқиқ истифода шаванд.

Саҳми шахсии унвонҷӯй дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи нутқи мазмунан нақлшуда ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт муҳақиқ ба ҳадафи гузошташуда муваффақона расидааст.

Дисертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёти илмиву таълимӣ иборат буда, дар бобҳо ва зербобҳо масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли асарҳои бадеӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Боби якум бо номи «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст ва дар он дараҷаи омӯзиш ва хусусияти хоси забонҳои гуногун дар ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби аввали боби якум бо номи «Дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» доир ба таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ, андешаҳои гуногуни олимони соҳа, ки ба масъалаҳои грамматикаи муқоисавӣ сару кор гирифтаанд, маълумот дода шудааст. Унвонҷӯй бамаврид таъкид менамояд, ки хусусияти фарққунандаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ боис бар он шудааст, ки таҳқиқотҳои гуногуни муқоисавӣ дар забонҳои гуногунсохт ба миён оянд. Ба назари муҳаққиқ дар забони тоҷикӣ бошад ин амал камтар ба назар мерасад, ки он ҳам дар шакли мақолаҳои алоҳида мебошад.

Дар зербоби дуюми боби якум бо номи «Хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» роҷеъ ба хусусиятҳои хоси нутқи мазмунан нақлшудаи забони тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гузаронида шудааст. Дар ин қисмати таҳқиқ таваҷҷуҳи бештар ба қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ, ки нисбат ба забони тоҷикӣ тафовут дорад, зоҳир гардидааст. Дар баробари рушду такомул ва густариши забонҳо хусусияти сохтории онҳо низ мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ ва арзишманд қарор гирифтааст.

Зербоби сеюми боби якум таҳти унвони «Хусусиятҳои семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба масъалаҳои мубрами маъноӣ ва ифоданокии маънои нутқи мазмунан

нақлшуда бахшида шудааст. Ба таъкиди муҳаққиқи диссертатсия дар ин замина дар забони англисӣ қоидаи мутобиқатии замонҳо нақши муҳим дорад, ки ба тағйирпазириии ифода таъсир расонида метавонад. Бо мисолҳои ҷолиби диққат унвонҷӯй муайян намудааст, ки дар вақти аз нутқи айнан нақлшуда ба мазмунан нақлшуда гузаронидан як зумра тағйиротҳои қобили таҳқиқ сурат мегиранд.

Боби дуюми диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ» ба масъалаҳои таснифи хусусиятҳои хоси ифодаи нутқии мазмунан нақлшудаи забони англисӣ дар асоси муқоиса ба муодилҳои он дар забони тоҷикӣ бо назардошти қоидаи мутобиқати замонҳо бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия бо номи «Қоидаҳои мутобиқатии замонҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» хусусиятҳои хоси қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ шарҳ дода шудаанд ва дар баробари ин ҳамаи мисолҳои қобили таҳлил бо муодили онҳо дар забони тоҷикӣ муқоиса гардида, дар ин замина тафовут ва умумиятҳои замонӣ, айниятҳои грамматикии онҳо муайян шудааст. Аз нигоҳи муҳаққиқ хусусияти дигари нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ он аст, ки мувофиқати замонҳои феълӣ пеш аз ҳама ба инобат гирифта мешавад ва дар нутқи мазмунан нақлшуда бошад чанд ҳолати аз он фарқкунанда вуҷуд дорад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Истифодаи феълҳои гуфтор, муродифоти онҳо (to say, to speak, to talk, to tell) дар нутқи мазмунан нақлшуда ва тобишҳои маъногии онҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда» ба таҳқиқу баррасии хусусиятҳои хоси феълҳои номбурда, мавқеи истифода, доираи корбурду корбасти онҳо дар забони англисӣ таҳқиқ шуда, мувофиқати маънои онҳо бо забони тоҷикӣ бо таҳлили мисолҳои ҷолибу асоснок муайян карда шудааст. Аз таҳқиқу масъалагузориҳо ва баёни андеша, хулосабарориҳои унвонҷӯй чунин бармеояд, ки тобюишҳои маъноии феълҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда вижагиҳои басо ҷолиб ва қобили таҳқиқу омӯзишро доро аст. Ба таъкиди муҳаққиқ гуруҳи махсуси феълҳои гуфтор дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ба таври васеъ баён ва корбурд мешаванд, зеро онҳо ба талаботи муҳими инсон, яъне талаботи муошират алоқаи ногусастанӣ доранд ва чунин феълҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда хусусияти ивазшавии маъноиро пайдо намуда, тобишҳои иловагии маъноӣ зоҳир мекунанд.

Зербоби сеюми боби дуюм бо унвони «Мушкилоти тарҷумаи нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» ба муаммоҳои назария ва амалияи тарҷумаи ин воҳиди забонӣ бахшида шуда, ба таъкиди унвонҷӯй нутқи мазмунан нақлшуда ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ҳангоми тарҷума низ хусусиятҳои хос доранд, тафовут ва умумиятҳои ҷолиб дида мешавад, ки ҳамин хусусиятҳоро дар

тарҷумаи бевосита амиқ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан дар тарҷума ҳама ҳолатҳои ифода барои амиқ пешниҳод намудани маънои асл ба инобат гирифта мешавад, вале дар ин раванд аз лиҳози сохторӣ нофаҳмо будани ҷумла низ ба мутарҷим андешаҳои ғалатро рӯйи кор оварда, омили тарҷумаи нодуруст гардад.

Боби сеюми диссертатсияи Саидова М.А. бо номи «Усулҳои ифодаи банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи "Ёддоштҳо"-и С.Айнӣ», ба таҳқиқи намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки бо нутқи махмунан нақлшуда алоқамандӣ дошта, хусусияти тағйирпазириро пайдо мекунанд, бахшида шудааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм бо номи "Усулҳои банду басти ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда ва тафовути онҳо аз ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ" масъалаҳои марбут ба ҷумлаҳои саволӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз нигоҳи муҳаққиқ дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволӣ аз нигоҳи гурӯҳбандӣ нисбат ба забони англисӣ тафовут дошта, ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Дар баробари ин гурӯҳи саволҳои забони англисӣ муайянтар ва мушаххастар ба назар мерасад, гарчанде аз нигоҳи ташкил ва дуруст гузоштани мавқеи ҷонишинҳои саволӣ ҳам дар нутқи айнан нақлшуда ва ҳам дар нутқи мазмунан нақлшуда хусусияти хос ва фарқкунанда доранд.

Зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони «Ҷумлаҳои амрӣ ифодакунандаи амру хоҳиш, таклифу пешниҳод ва маслиҳат дар забони англисӣ ва тафовути онҳо ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ» ба масъалаҳои таносуби ҷумлаҳои амрӣ ва нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои мавриди таҳқиқ бахшида шудааст. Чунон ки дар диссертатсия таъкид мешавад, ҷумлаҳои ифодакунандаи амру хоҳиш хусусияти хос дошта, талаффуз хос ва ифоданокӣ вобаста аз ҳолатҳои эмотсионалӣ ба онҳо алоқаманд аст. Ҳангоми ифода тобишҳои гуногуни маъноӣ, ки ба нутқи гӯянда пайвастагӣ дорад, ин намуди ҷумлаҳои хусусияти сохтории худро низ тағйир дода метавонанд. Дар ин росто муҳаққиқ тавонистааст, мушаххас намояд, ки ҷумлаҳои ифодакунандаи амру хоҳиш аз як тараф метавонанд нарм ифода ёбанд, ки боиси нороҳатии шунаванда нагардад, аз тарафи дигар вобаста аз мақсади гӯянда сахттар ифода гарданд ва бо ҳамин роҳ ҳадафи гӯянда амиқ нишон дода шавад.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия бо номи "Ҷумлаҳои хитобӣ ифодакунандаи салом, бахшиш, шиносоӣ, миннатдорӣ, табрикот ва ғайра дар забони англисӣ ва тафовути онҳо ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ" собит менамояд, ки ҷумлаҳои хитобӣ барои ифодаи маъноҳои гуногун бо фарогири нутқи мазмунан нақлшуда имкониятҳои басо фарохи услубиву маъноиро дар забонҳои тоҷикиву англисӣ доранд. Барои ба оҳанги махсус ва пуршиддат ифода кардани ҷумлаҳои сода ва ифодаи тобишҳои

гуногуни маънойӣ воситаҳои гуногуни луғавию грамматикӣ истифода мешаванд.

Зербоби чоруми боби сеюм таҳти унвони “Хусусиятҳои хоси нутқи мазмунан нақлшуда ва тағйироти сохториву маъноӣ дар таркиби матни асарҳои бадеӣ” ба масъалаҳои тафовуту умумиятҳои нутқи мазмунан нақлшуда бо ифодаи маъно ва корбурди хос ва ҳолатҳои нодир дар доираи матни бадеӣ бахшида шудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ нутқи мазмунан нақлшуда дар ҳама забонҳои олам дида мешавад ва мавриди истифода қарор мегирад, аммо дар таркиби матни асарҳои бадеӣ дуруст истифода намудани қоида ва қонуниятҳои он мавқеи муҳим дорад. Дар баробари ин, забонҳо, ки хусусиятҳои хоси худро доранд, ҳангоми тарҷума хусусиятҳои мушкилбаёниро зоҳир намуда метавонанд, ки дар ин маврид таваҷҷуҳ на танҳо ба сохтори грамматикӣ, балки ба интихоби феълҳо, ки асоси семантикаи нутқ нигаронида шавад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти таҳлили пурраи мавзӯъ ва фарогири мисолҳои ҷолиб дар доираи асари бадеии интихобшуда ба таври муъҷаз ва мушаххас оварда шудаанд, ки моҳияти назарраси амаливу назариро доранд.

Бо ҳамин тартиб унвонҷӯй дар бахши хулосаи диссертатсияи худ тибқи муқаррарот андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, аз ҳар як боб ба таври нуктасанҷона натиҷагирӣ менамояд ва назару дастоварди илмии худро ба сифати тавсия оид ба истифодаи амалии онҳо баён менамояд.

Тадқиқоти диссертатсионии Саидова М.А. ба дараҷаи зарурии илмӣ таълиф гардида, пажӯҳиши мукаммал ва анҷомёфта дониста мешавад.

Бо ҳамин тартиб кори диссертатсионии Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дорои арзиши назарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили таъкидро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо ишора намоем:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳаққиқ зимни нишон додани асосҳои назарии таҳқиқот ба пажӯҳишгарони маъруфи ватаниву хориҷӣ ишора менамояд, аммо дар қисматҳои минбаъдаи пажӯҳиш аз назари ин гурӯҳи муҳаққиқон камтар истифода менамояд ва дар мавриди ишора ба назари муҳаққиқони ҷудогона дар матни таҳқиқ гоҳо аз баҳс бо андешаи эшон худдорӣ мекунад.

2. Зимни хулосабарориҳо оид ба нуктаҳои мубрами таҳқиқ мавзуъ унвонҷӯй камтар ба сарчашмаҳои илмӣ ва махсусан ба манбаъҳои боэътимоди академӣ такя мекунад. Аз ҷумла «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (ҷилди сеюм), ки аз манбаъҳои асосии илмӣ ба шумор меравад, камтар мавриди таваҷҷуҳ ва истиноди муҳаққиқ қарор гирифтааст.

3. Зимни таҳияи матни диссертатсия дар баъзе мавридҳо тартиби истифодаи аломатҳои тире ва дефис омехта ба назар мерасанд, ки риояи онҳо дар пажӯҳиш нуктаи муҳим дониста мешавад.

4. Дар тасвири феҳристнигорӣ ва ишора бар манобеъ, феҳристи адабиёт тибқи стандарт ва меъёрҳои амалкунанда на ҳамеша талабот риоя карда шудааст.

5. Дар сафаҳоти ҷудогонаи диссертатсия нуктаҳои таҳрирталабу қобили тасҳеҳ (5, 12, 24, 43, 63, 69, 78, 108, 104, 132) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

6. Ҳамин нуктаҳои ишорашуда дар сафаҳоти автореферати диссертатсия низ дида мешаванд.

Мақолаҳои интишоршудаи муҳаққиқ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд ва дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (бо гунаҳои тоҷикӣ ва русии он) мазмун, мундариҷа ва муҳтавои асосии кори таҳқиққотии Саидова Мавзуна Абдулҳакимовнаро фарогир мебошад.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» ҷавобгӯи талаботи корҳои диссертасионии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида буда, таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта аст ва унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ: Ректори Филиали
Донишкадаи рушди менеҷменти
Сингапур дар шаҳри Душанбе, Мухторов
доктори илмҳои филология Зайнидин Мухторович

**10.02.2023**
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822